# Тақриз

*ба автореферати диссертатсияи* ***<u>Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович</u>*** *дар мавзуи «Усулҳои парвариши шолии ангорӣ дар шароити ҷанубу ғарбии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01-зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.*

Яке аз соҳаи асосии имруза дар ҷаҳон ва хусусан дар Тоҷикистон ин соҳаи зироаткорӣ ба шумор меравад.

Зиёдшавии босуръати аҳолии мамлакат ва таъмини он бо маводи хурока яке аз масъалаҳои асосӣ дар сиёсати имрӯзаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, мутахасисонро водор месозад, ки ҷиҳати ҳалли масъалаҳои зиёд намудани истеҳсолӣ ғалла дар ҷумҳурӣ чораандешӣ намоянд. Новобаста аз он, ки масоҳати заминҳои корам дар ҷумҳурӣ маҳдуд аст, фаровонии об, мавҷудияти рӯзҳои офтобӣ ва нурафкании босуръати офтоб имконият медиҳад, то заминҳои корами обӣ самаранок истифода гардида, дар як сол аз як майдон ду-се ҳосили зироатҳои кишоварзӣ руёнида ва аз ин ҳисоб маҳсулнокии майдонҳои кишт баланд бардошта шавад.

Дар байни зироатҳои ғалладона шолӣ аз ҷиҳати аҳамияти ғизоӣ ва маҳсулнокӣ мавқеи хосаро ишғол менамояд. Дар таркиби дони шолӣ як миқдор моддаҳои барои организми инсон зарурӣ мавҷуд аст ва дар шароити Тоҷикистон зироати шолӣ ба таври васеъ парвариш карда мешавад, ки он дар иҷрои яке аз ҳадафҳои стратегии ҷумҳурӣ- таъмини амнияти озуқавории кишвар мавқеи хосаро ишғол менамояд. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки аз рӯйи маълумотҳои оморӣ талабот ба зироати шолӣ дар мамлакат зиёд аст, ки ба сари ҳар як аҳолии кишвар аз 11-12 то 20-25 кг дар як солро ташкил медиҳад.

Диссертант кории таҳқиқотии бисёрсолаи худро ҷиҳати омӯзиши усулҳои парвариши шолӣ (муҳлати кишт, меъёри кишт ва меъёри гуногуни нуриҳои маъдани барои руёнидани ҳорсили тарҳрезишуда) дар кишти ангорӣ ба роҳ монда натиҷагирӣ кардааст, ба масъалаи муҳими стратегии кишвар мувофиқат намуда, муҳим арзёбӣ мегардад.

Навгонии илмии таҳқиқотчӣ аз он иборат аст, ки дар асоси натиҷаи таҳқиқотҳои илмии омӯхташуда дар шароити иқлимии ҷанубу ғарбии Тоҷикистон аввалин маротиба усули парвариши шолӣ дар кишти ангорӣ (муҳлати кишт, меъёри кишт ва меъёри нурӣ) илман асоснок карда шуд.

Чи давре, ки аз натиҷаи корҳои таҳқиқотии бисёрсолаи муаллиф маълум аст дар шароити иқлимии ҷанубу ғарбии Тоҷикистон барои шолии навъи "Авангард" дар кишти ангорӣ муҳлати оптималии кишт (10-уми июн), меъёри муътадили кишт (7 млн. тухмӣ/га) муайян карда шудааст. Ҳамзамон маълум карда шуд, ки ҳангоми истифодаи $N_{120}P_{120}K_{50}$ дар 1 гектар имкони

амалии ба даст овардани 73,8 с/га ҳосили дони шолӣ дар кишти ангорӣ мавҷуд аст ва тавсияҳо оид ба натиҷаи таҳқиқот ба истеҳсолот пешниҳод карда шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки аҳамияти амалии таҳқиқотҳои муаллиф дар майдони 1,5 гектар барои татбиқи амалӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ ҷорӣ карда шудааст, ки метавонад дар оянда барои зиёд намудани истеҳсоли он мусоидат намояд.

Кори диссертатсионӣ вобаста ба талаботҳои гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ ки дар соҳаи кишоварзӣ эътироф шудааст ба анҷом расонида шудааст ва натиҷаҳои он бо коркардҳои математикию оморӣ таҳлил карда шудааст.

Новобаста ба натиҷаҳои ба даст омада дар кори диссертатсионӣ баъзан камбудиҳои имлоию техникӣ мавҷуданд, ки ба раванди кор таъсири манфӣ намерасонад.

**Хулоса** кори диссертатсионии Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович ҳамчун кори илмии таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб рафта, дар он масъалаи муҳими озуқаворӣи ҷумҳурӣ, хусусан таъмини аҳолӣ бо маводи ғизоӣ ҷой доранд, ки он бартарияти соҳаро дошта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01-зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мебошад.

Мудири кафедраи агротехнология ва экологияи саноати Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, доктори илмҳои кишоварзӣ — Рашидов Н.Ҷ.

Имзои Н.Ҷ. Рашидовро тасдиқ мекунам. Мудири Шуъбаи кадрҳои Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд — Ёқубова М.А.

ШӮЪБАИ КАДРҲО

«18» 04 соли 2023

**Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ 226
**Телефон:** +992 92-720-50-57
***E-mail:*** ***naimrashidov-tj@mail.ru***